**Суратмаҷлиси №1**

**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-102-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «16» майи соли 2026 ш. Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доранд, мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсия 5 нафар.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-102 16-уми майи соли 2026, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Холназаров С.

**Котиби илмӣ:** доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Хайрзода А.Г.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии 6D.КОА-102, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2025, таҳти №423/шд тасдиқ гардидааст, 15 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм - мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравáнд.

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад. Оиди оғози кори Шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки кори ҷаласаи Шуро кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Кӣ тарафдори чунин пешниҳод аст? Тарафдорон- 15 нафар. Зид- нест. Бетараф- нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

1. Ҳимояи ошкорои рисолаи номзадии Аминзода Ғунчагул Раҳматулло дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагон мавриди таълими физикаи синфҳои 7-9 дар МТМУ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои табиӣ-риёзӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ) (5.3.4.2 – Назария ва методикаи таълими физика).

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

**Роҳбари илмии довталаби дарёфти даравай илмӣ: Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович** - доктори илмҳои педагогӣ,, профессори кафедраи методикаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**1. Олимӣ Ашуралӣ Рамазон,** доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи физика ва географияи Донишгоҳи давлатии Данғара;

**2. Истамов Фарҳод Хоҷамқулович,** номзади илмҳои физикаю математика, дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** МДТ «Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ».

## БАРОМАД НАМУДАНД:

**Раиси шуро:** доктори илмҳои педагогӣ, профессор Холназаров С. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.

1. **Котиби илмии шуро:** доктори илмҳои педагогӣ, дотсент Хайрзода А.Г., маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.

2. **Унвонҷӯ:** Аминзода Ғунчагул Раҳматулло мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Собиров Ҷ. Ф., Шерматов Д., Қурбонов А.С., Ғафуров Б.А., Баротзода К.А., ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ Раҷабов Тағоймурод Бобоқулович - доктори илмҳои педагогӣ,, профессори кафедраи методикаи таълими ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ шунида шуд.

**Тақризи муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. ба диссертатсияи Аминзода Ғ. Р., бо имзои раиси ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Қаландарова М.С., ташхисгар, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Қодирова Д.Т. ва котиби ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, Аламова Х.Т. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сафарзода Мунир Ватан аз 24-уми апрели соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Аминзода Ғунчагул Раҳматулло дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагон мавриди таълими физикаи синфҳои 7-9 дар МТМУ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.4 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои табиӣ-риёзӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ) (5.3.4.2 – Назария ва методикаи таълими физика).сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

**1. Олимӣ Ашуралӣ Рамазон,** доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи физика ва географияи Донишгоҳи давлатии Данғара;

**2. Истамов Фарҳод Хоҷамқулович,** номзади илмҳои физикаю математика, дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ҳамчунин ба шурои диссертатсионӣ 6D.KOA-102 дар назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Аминзода Ғ.Р. ворид шудаанд:

1. **Лутфуллозода Маҳмадулло** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

2. **Азимова Назира Самадовна –** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи математика ва информатикаи Донишкадаи байналмилалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. **Наҷмиддиниён Асадулло Мирзо** – доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

Ҳамаи тақризҳои воридшуда мусбат буда, баъзе пешниҳодҳо, ки дар ин тақризҳо қайд шудаанд хусусияти тавсиявӣ доранд.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати Аминзода Ғ. Р пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ Аминзода Ғ.Р., барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои табиӣ-риёзӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ) (5.3.4.2 – Назария ва методикаи таълими физика). сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои

диссертатсионӣ: Шерматов Д.С., Қурбонов А. С ва Холзода М.Ч., интихоб гардид. Комиссия овоздиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 15 нафар аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм-мутахассисон аз рӯи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон - 15 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-102 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.4 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои табиӣ-риёзӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ) (5.3.4.2 – Назария ва методикаи таълими физика), **тақризи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295),

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Баромад ва муҳокимаи диссертатсияи Аминзода Ғунчагул Раҳматулло дар мавзуи «Ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагон мавриди таълими физикаи синфҳои 7-9 дар МТМУ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои табиӣ-риёзӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ) (5.3.4.2 – Назария ва методикаи таълими физика) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Олимӣ Ашуралӣ Рамазон** – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи физика ва географияи Донишгоҳи давлатии Данғара ва **Истамов Фарҳод Хоҷамқулович** – номзади илмҳои физикаю математика, мудири кафедраи методикаи таълими физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои

диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** Шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Аминзода Ғунчагул Раҳматулло дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои табиӣ-риёзӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ) (5.3.4.2 – Назария ва методикаи таълими физика) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ ба Аминзода Ғунчагул Раҳматулло дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.4 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (фанҳои табиӣ-риёзӣ, зинаи таҳсилоти умумӣ) (5.3.4.2 – Назария ва методикаи таълими физика)-ро дастгирӣ намуда, барои ба Аминзода Ғунчагул Раҳматулло додани дипломи дараҷаи илмии номзади илм мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон: 15 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Холназаров С.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Хайрзода А.Г.**
16.05.2026

Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДБ
ба номи Носири Хусрав Нажмидинов М.М.
ҶМ

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС